# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 30 сентябри соли 2023 ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловнаро дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (Роҳбари илмӣ: **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Сафарзода Анвар Ислом** – Сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Мирзамонзода Х.М. ва Муҳаммадиев И.С., инчунин муқарризи ғайрирасмӣ Абдухамитов В.А.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Абдуллоева Мадина Камоловна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Абдуллоева Мадина Камоловнаро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**